# 10282 - Оё Ал-Аҳад яке аз номҳои Аллоҳ аст

**савол**

Оё Ал-Аҳад яке аз номҳои Аллоҳ аст? Оё бароям ҷоиз аст, ки номи писарамро "Абдулаҳад" гузорам?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бале, Ал-Аҳад яке аз номҳои Аллоҳ аст, ки дар Куръон, дар ояти зерин зикр шудааст:

قُلْ هُوَ اللَّهُ أَحَدٌ ۝ اللَّهُ الصَّمَدُ

**«(Эй Паёмбар) Бигӯ: Ӯ Аллоҳ яктост. Аллоҳ бениёз аст».** (Сураи Ихлос: 1-2).

Бинобар ин, ҷоиз аст, ки номи писаратро Абдулаҳад гузорӣ ва инчунин ҷоиз аст, ки номи ӯро Абдуссамад гузорӣ.

Шайх Абдурраҳмон Ал-Баррок

Маънои Ал-Аҳад:

Ӯ танҳо аст, ки ҳамеша ягона буд ва ҳеҷ гоҳ касе бо Ӯ ҳамроҳ набуд.

(Ан-Ниҳоя: 1/35).

Ӯ бо ягонагии худ дар зоту сифатонаш танҳо аст. Баъзе донишмандон байни Ал-Воҳид ва Ал-Аҳад фарқ гузоштаанд, ки Ал-Воҳид танҳо ягонагии зоти Ӯро ифода менамояд. Аммо Ал-Аҳад ягонагии зот ва сифатони Ӯро ифода менамояд.

(Тафсиру асмаиллаҳ-и Заҷҷоҷ, саҳ 58).

Ва гуфта шудааст, ки Ал-Воҳид ин аст, ки Ӯ дар зоти худ ягона аст ва ҳеҷ ҳамто ва шабеҳ

надорад. Аммо калимаи Ал-Аҳад бар ягонагӣ бино ёфтааст. Танҳоӣ дар байни ҳамроҳон. Пас Ал-Воҳид ин аст, ки Ӯ дар зоти худ ягона аст. Аммо Ал-Аҳад ин аст, ки Ӯ дар сифатони худ ягона аст. Ал-Аҳад яке аз сифатҳои Аллоҳ таъоло аст, ки онро танҳо барои худ интихоб кардааст ва ҳеҷ чизи дигаре дар он насибе надорад.

(Ал-Лисону-л-Араб – Аҳад - 1/35, ваҳида 8/4779 - 4783).

Аллоҳ таъоло Ал-Воҳид (ягона) ва Ал-Аҳад (якто) аст ва дуввум, шарик, ҳамто ва шабеҳе надорад. Ӯ Ал-Воҳид (ягона) аст, ки бандагонаш ба Ӯ эътимод мекунанд ва ба Ӯ рӯ меоранд. Ба ғайри Ӯ ба каси дигаре такя намекунанд.

(Иштиқоқу асмоиллоҳ: 90-93).

Ӯ Ал-Воҳид (ягона) аст, ки ҳеҷ чиз монанди Ӯ нест. Ҳар чизи дигаре ғайр аз Ӯ, дар баъзе ҷиҳатҳо ягона ҳисобида мешавад, аммо дар бисёр ҷиҳатҳои дигар ягона ҳисобида намешавад.

(Шаъну-д-дуо: 82-83).

Ибни Ҷарир эътиқод дорад, ки маънои ваҳдонияти Аллоҳ, ин нафӣ намудани ҳамтоёну шабеҳон аз Аллоҳ мебошад. Аллоҳ ҳамто ва шабеҳе надорад. Ӯ маъбуди ягона ва Парвардигори ягона аст, ки ғайри Ӯ сазовори итоат нест. Ғайр аз Ӯ каси дигаре шоистаи парастиш нест.

(Тафсири Ибни Ҷорир: 3/265-266).

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَإِلَٰهُكُمْ إِلَٰهٌ وَاحِدٌ

البقرة:١٦٣.

**«Маъбуди шумо маъбуди ягона аст».** (Сураи Бақара: 163).

Аллоҳ таъоло зотест, ки бо тамоми камолот ягона аст, ки ҳеҷ ҳамтое дар он шарик шуда

launch

наметавонад. Бояд бандагон Ӯро бо қалбҳо ва гуфтору рафтор ягона шуморанд ва комилияти мутлақи Ӯ ва ягонагии Ӯро дар ваҳдоният эътироф кунанд ва Ӯро бо тамоми намудҳои ибодат ягона шуморанд.

(Тайсиру-л-карими-р-Раҳмон: 5/485).